Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-016 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур (734003, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146, www.tajagroun.tj)

# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи идораи давлатӣ ва иқтисоди милли Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Асоев Муфарах Мазориддинович ба диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзӯи: «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ пешниҳод шудааст.

## 1. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ва ё соҳаи илми эълоншуда

Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзӯи: «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» таҳқиқот бурдааст, ки он ба Шиносномаи номгӯи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ ва бандҳои нишондодашудаи: 16; 20; 34; 39 мувофиқат мекунад.

## 2. Муҳиммият ва зарурати баргузории таҳқиқот

Имрӯз рушди инфрасохтори иҷтимоӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати давлатии рушди устувор ба ҳисоб меравад, махсусан дар минтақаҳои деҳотӣ, ки қисми зиёди аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар онҳо зиндагӣ мекунанд. Инфрасохтори иҷтимоӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, фарҳангӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ, роҳу нақлиёт ва дигар унсурҳои муҳими иҷтимоӣ, дар таъмини сатҳи зиндагии аҳолӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии ҷомеа нақши калидӣ мебозад. Дар шароити муосири рушди иқтисодӣ, масъалаи фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагӣ ва фаъолияти аҳолии деҳот ба яке аз масъалаҳои муҳими сиёсати иҷтимоии давлат табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи масъалаҳои вобаста ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва арзёбии самаранокии он дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дорои аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад, зеро маҳз ин минтақаҳо бо мушкилоти муайяни инфрасохторӣ, маҳдудияти захираҳо ва нобаробарии рушди иҷтимоӣ рӯ ба рӯ мебошанд.

Зарурати баргузории чунин таҳқиқот инчунин аз он бармеояд, ки рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот ба раванди рушди иқтисодию иҷтимоии

минтақаҳо, беҳтар гардидани сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва паст намудани фарқияти рушди байни шаҳр ва деҳот таъсири мустақим мерасонад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва тағйирёбии талаботи иҷтимоӣ, масъалаи такмил додани механизмҳои идоракунӣ, ҷалби сармоягузорӣ ва баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо дар соҳаи инфрасохтори иҷтимоӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи масъалаҳои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба самаранокии фаъолияти он ва таҳияи пешниҳодҳои илмӣ барои такмил додани сиёсати давлатӣ дар ин самт, ба ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мусоидат намуда, заминаи боэътимод барои рушди устувори ҷомеа фароҳам меорад.

Мавзӯи диссертатсия бо ҳадафҳо ва афзалиятҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва «Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», инчунин сиёсати давлатии ислоҳоти оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ба татбиқи самараноки сиёсати давлатии иҷтимоӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат намуда, ба самтҳои муҳими идоракунии давлатӣ, таъмини рушди мутавозини минтақавӣ мутобиқ мебошад. Ин масъала пеш аз ҳама ба беҳтар гардидани шароити зиндагии аҳолии деҳот, баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ, рушди муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, фарҳангӣ ва дигар зерсохторҳои муҳими иҷтимоӣ равона гардида, дар маҷмӯъ ба рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо таъсири назаррас мерасонад.

Дар кори диссертатсионӣ масъалаҳои рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он аз мавқеи илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, вазъи воқеии ташаккул ва рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар минтақаҳои деҳотӣ, махсусан дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, ҳамаҷониба баррасӣ шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот камбудиҳои мавҷуда дар низоми идоракунии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, норасоии имкониятҳои молиявию моддӣ, инчунин омилҳое, ки ба самаранокии фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ дар деҳот таъсири маҳдудкунанда мерасонанд, муайян гардидаанд. Ҳамзамон, захираҳои истифоданашуда ва имкониятҳои иловагии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар асоси таҳлили вазъи иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои таҳқиқшаванда нишон дода шудаанд.

Муаллиф дар асоси таҳлили амиқи маълумоти оморӣ, барномаҳои давлатӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таҷрибаи амалии идоракунии рушди иҷтимоӣ дар сатҳи маҳаллӣ кӯшиш намудааст, ки асосҳои назариявию методологии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро такмил дода, самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани самаранокии фаъолияти он муайян намояд. Дар натиҷа, барои

такмили механизмҳои идоракунии рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои зиндагии аҳолии деҳот як қатор пешниҳодҳои илмӣ ва амалӣ асоснок карда шудаанд, ки метавонанд дар татбиқи сиёсати давлатии рушди деҳот ва рушди мутавозини минтақавӣ истифода гарданд.

### 3. Навгонии илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсия

Навгониҳои илмии натиҷаҳо ва хулосаву пешниҳодҳои диссертатсияи мазкур дар шароити муосири рушди илми иқтисодӣ ва таҳаввулоти иҷтимоию иқтисодӣ ба таҳкими заминаҳои назариявию методологии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва такмили ҷанбаҳои амалии идоракунии он равона гардидаанд. Тадқиқоти анҷомдодашуда ба муайян намудани омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот нигаронида шудааст. Натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин дар таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатии рушди деҳот ва сиёсати иҷтимоии минтақавӣ, аз ҷумла дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, мавриди истифода қарор гиранд.

**Муҳимтарин навгониҳои илмии ин таҳқиқот иборатанд аз:**

-Дар асоси таҳлили ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар шароити барзиёдии захираҳои меҳнатӣ ва норасоии инфрасохтори иҷтимоӣ, самтҳои асосии беҳтар намудани шароити зиндагии аҳолӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии сокинони деҳот муайян гардидаанд. Дар ин замина, тадбирҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла ташкили ҷойҳои нави корӣ, рушди бахши хизматрасонӣ, густариши фаъолияти иҷтимоӣ, молиявӣ ва зеҳнӣ, инчунин такмили механизмҳои маблағгузории инфрасохтори иҷтимоӣ асоснок гардидаанд.

-Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили равишҳои назариявӣ ва методии андешаҳои олимони соҳа, мавқеи илмии муаллиф нисбат ба мафҳуми «инфрасохтори иҷтимоии деҳот» пешниҳод гардидааст. Муаллиф онро ҳамчун маҷмӯи объектҳо ва хизматрасониҳое тавсиф менамояд, ки барои қонеъ намудани ниёзҳои бевоситаи аҳолӣ, махсусан сокинони деҳот, таъмин намудани сатҳи муносибии зиндагӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои такрористеҳсолёбии фаъолияти ҳаётии инсон дар шароити иқтисоди бозорӣ равона шудаанд.

-Бо таҳлили таҷрибаи як қатор кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Исроил, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия, таъсири омилҳои табиӣ-иқлимӣ, демографӣ ва сиёсати давлатӣ ба рушди инфрасохтори

иҷтимоии деҳот баррасӣ гардидааст. Дар натиҷа, принсипҳо ва механизмҳои самараноки идоракунии рушди деҳот дар ин кишварҳо ҷамъбаст шуда, имкониятҳои мутобиқсозӣ ва истифодаи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ пешниҳод шудаанд.

- Дар асоси таҳлили вазъи кунунии инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва рушди соҳаи кишоварзӣ, самтҳои асосии такмил ва рушди минтақаҳои деҳот муайян гардидаанд. Аз ҷумла, аҳамияти густариши кооператсия, ҷорӣ намудани механизатсияи муосир, ҷалби сармоягузорӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассуси кадрҳо ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун омилҳои муҳими рушди устувори инфрасохтори иҷтимоӣ асоснок карда шудаанд.

- Самтҳои асосии дастгирии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот аз нуктаи назари молиявӣ ва иҷтимоӣ таҳлил гардида, механизмҳои таъсиррасон ба рушди устувори он пешниҳод шудаанд. Дар ин раванд, истифодаи воситаҳои молиявӣ, аз қабили қарзҳо, субсидияҳо ва дигар шаклҳои дастгирии давлатӣ, инчунин тақвияти нақши давлат дар рушди инфрасохтори иҷтимоӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, ҳифзи муҳити зист ва татбиқи барномаҳои давлатӣ ҳамчун омилҳои муҳими рушд арзёбӣ шудаанд.

-Самтҳои такмили институтсионалии идоракунии давлатии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот пешниҳод гардидаанд, ки онҳо ба густариши иштироки бахши хусусӣ, беҳтар намудани таъминоти аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ва манзили зист, рушди агролизинг, фароҳам овардани дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок, густариши суғуртаи кишоварзӣ, ташкили низоми хариди давлатии маҳсулоти кишоварзӣ, инчунин дастгирии молиявии соҳаи коркард ва хизматрасонӣ равона шудаанд.

Дар маҷмӯъ, навгониҳои илмии диссертатсия дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ буда, метавонанд ҳамчун заминаи илмӣ барои такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи рушди деҳот, баланд бардоштани самаранокии идоракунии инфрасохтори иҷтимоӣ ва таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии минтақаҳои деҳотӣ истифода гарданд.

**4. Дараҷаи асоснокӣ ва саҳеҳии муқаррароти илмӣ ва хулосаву пешниҳодот**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Дар ҷараёни таҳқиқ ва баррасии масъалаҳои илмии вобаста ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, муаллифи диссертатсия равишҳои муосири методологӣ ва усулҳои таҳқиқотиро ба таври мақсаднок интихоб ва татбиқ намудааст, ки онҳо имконият медиҳанд моҳият, қонуниятҳо ва тамоюлҳои рушди инфрасохтори иҷтимоӣ дар шароити муосир ба таври амиқ ва ҳамаҷониба таҳлил карда шаванд. Таҳқиқот фарогири ҷамъбаст ва такмили муқаррароти назариявӣ оид ба идоракунии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот, таҳияи низоми нишондиҳандаҳо ва

методологияи баҳодиҳии самаранокии он, инчунин омӯзиши таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар ин самт мебошад. Ҳамзамон, арзёбии вазъи муосири рушди соҳаи кишоварзӣ ва инфрасохтори иҷтимоӣ, таҳлили татбиқи барномаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва муайян намудани омилҳои таъсиррасон ба рушди деҳот ба таври муфассал анҷом дода шудааст.

Асоснокӣ ва саҳеҳии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи сарчашмаҳои боэътимоди илмӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳои давлатӣ ва маълумоти омории расмӣ таъмин гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқ аз мероси илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, идоракунии давлатӣ ва рушди минтақавӣ ба таври таҳлилӣ ва эҷодкорона истифода бурда, мавқеи илмии худро бо далелҳои воқеӣ ва асоснок пешниҳод намудааст. Истифодаи маҷмӯи усулҳои илмӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, системавӣ, муқоисавӣ, таҳлил ва синтез, инчунин усулҳои оморӣ ва экспертӣ, имкон фароҳам овардааст, ки масъалаҳои таҳқиқшаванда дар робитаи мутақобила ва пайдарпай мавриди баррасӣ қарор гиранд.

Дар доираи таҳқиқот инчунин самтҳои такмили идоракунии давлатии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот тавассути ҷалби сармоягузорӣ, таҳияи барномаҳои мақсадноки рушди оянда ва рушди инфрасохтори истеҳсолӣ дар шароити гуногуншаклии моликият асоснок гардидаанд, ки онҳо ба рушди устувори инфрасохтори иҷтимоӣ дар деҳот мусоидат менамоянд. Мазмун ва муҳтавои рисола шаҳодат медиҳад, ки муаллиф масъалаи таҳқиқотро ба таври мустақилона, пайдарпай ва мантиқӣ баррасӣ намуда, ҳамаи хулосаҳо ва пешниҳодҳоро дар асоси таҳлили амиқи маводи назариявӣ ва амалӣ ба даст овардааст.

Дар маҷмӯъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳо ва пешниҳодҳои пешниҳодшуда ба сатҳи баланди илмӣ ҷавобгӯ буда, метавонанд ҳамчун заминаи методӣ ва амалӣ дар таҳияи сиёсати давлатии рушди деҳот, такмили идоракунии инфрасохтори иҷтимоӣ, инчунин ҳамчун маводи таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва бозомӯзии мутахассисони соҳа истифода карда шаванд.

**5. Сохтор, арзёбии моҳият ва сатҳи комилии диссертатсия**

Диссертатсия аз муқаддима, тавсифи умумии кор, се боб, хулоса, рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии кор 170 саҳифа, аз ҷумла 48 ҷадвал, 15 расм ва 3 диаграммаро дар бар мегирад.

Дар муқаддима мубрамият ва аҳаммияти мавзӯи диссертатсия бо такя ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 ва Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, сиёсати давлатии рушди деҳот, барномаҳои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ва таъмин намудани рушди устувори иҷтимоию

иқтисодӣ ба таври муфассал асоснок гардидааст. Муаллиф дуруст таъкид менамояд, ки дар шароити муосир рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва баланд бардоштани самаранокии он яке аз омилҳои калидии беҳтарсозии некуаҳволии аҳолӣ, коҳиши камбизоатӣ ва таъмини рушди мутавозини минтақаҳо, аз ҷумла ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мебошад (саҳ. 4-6).

Дар муқаддима инчунин дараҷаи таҳқиқи мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо ва мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисос равшан ва мутобиқ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионӣ баён гардидааст (саҳ. 6–13).

**Боби якум (саҳ. 13–51).** Дар боби аввал муаллиф асосҳои назариявӣ ва методологии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳотро дар заминаи равияҳои классикӣ, институционалӣ ва муосири илми иқтисодӣ таҳлил намудааст.

Дар зербоби 1.1 мафҳум ва моҳияти инфрасохтори иҷтимоӣ дар осори олимони хориҷӣ ва ватанӣ баррасӣ гардида, хусусиятҳои он дар шароити иқтисоди бозорӣ ва рушди деҳот муайян карда шудаанд. Дар асоси таҳлили муқоисавӣ муаллиф таърифи мукаммали инфрасохтори иҷтимоии деҳотро пешниҳод менамояд, ки навгонии илмии таҳқиқотро инъикос мекунад (саҳ. 17–19).

Дар зербоби 1.2 Мушкилот, нақш ва вазифаҳои асосии рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот таҳлил гардида, нақши он дар таъмини сатҳи зиндагии аҳолӣ, рушди сармояи инсонӣ ва фаъолгардонии иқтисоди маҳаллӣ асоснок карда мешавад. Муаллиф нишон медиҳад, ки инфрасохтори иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳими рушди устувори деҳот баромад намуда, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти иқтисодӣ мусоидат мекунад (саҳ. 26–35).

Зербоби 1.3 ба масъалаҳои Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ оид ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот бахшида шуда, дар он нишондиҳандаҳои арзёбӣ, таъсири омилҳои табиӣ-иқлимӣ, демографӣ ва сиёсати давлатӣ ба рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот баррасӣ гардида, тавсияҳо пешниҳод гардидаанд (саҳ. 35–50).

**Боби дуюм (саҳ. 51–91).** Дар боби дуюм муаллиф ҳолати муосири рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ва омилҳои таъсиррасон ба он таҳлил менамояд. Дар зербоби 2.1 нишондиҳандаҳои асосии рушди иҷтимоию иқтисодии деҳот, аз ҷумла сатҳи шуғл, дастрасӣ ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва вазъи соҳаи кишоварзӣ баррасӣ карда шудаанд (саҳ. 68–84).

Дар зербоби 2.2 вазъи кунунии инфрасохтори иҷтимоӣ, аз ҷумла соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фонди манзил, хизматрасонии коммуналӣ ва таъминоти

иҷтимоӣ арзёбӣ гардида, мушкилоти асосӣ, аз қабили норасоии маблағгузорӣ, сатҳи пасти хизматрасонӣ ва нобаробарии минтақавӣ ошкор карда шудаанд (саҳ. 62–80).

Зербоби 2.3 ба таҳлили самаранокии истифодаи инфрасохтори иҷтимоӣ бахшида шуда, нишон дода мешавад, ки сарфи назар аз татбиқи барномаҳои давлатӣ, сатҳи самаранокии истифодаи имкониятҳои мавҷуда ҳанӯз пурра таъмин нагардидааст (саҳ. 80–91).

**Боби сеюм (саҳ. 92–102).** Боби сеюм ба самтҳои асосии такмили рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот бахшида шуда аст. Дар зербоби 3.1 Рушди босуботи кишоварзӣ асоси усутвории нфрасохтори иҷтимоии деҳот, яъне рушди босуботи кишоварзӣ ҳамчун заминаи асосии устувории инфрасохтори иҷтимоии деҳот баромад намуда, бо фароҳам овардани ҷойҳои корӣ, таъмини даромади аҳолӣ ва тақвияти заминаи иқтисодии маҳаллӣ ба беҳтар гардидани сатҳи хизматрасониҳои иҷтимоӣ ва шароити зиндагии сокинони деҳот мусоидат мекунад, ки дуруст мебошад.

Дар зербоби 3.2. Роҳҳои ҷалби сармоягузорӣ, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ, инчунин истифодаи технологияҳои муосир дар рушди инфрасохтор асоснок мегарданд **(саҳ. 102–117).**

Дар зербоби 3.2.1. услубҳои арзёбии самаранокии инфрасохтори иҷтимоии деҳот муайян карда шудасст, ки ин метавонад баҳри таъминоти соҳа дар оянда хизмат намояд. Инчунин аз ҷониби муаллиф модели муайянкунандаи самаранокии инфрасохтори иҷтимоӣ дар асоси нишондиҳандаҳои муайяни иҷтимоӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст **(саҳ. 117-127).**

Дар зербоби 3.3. Оиди мукаммалгардонии идоракунии давлатии инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар шароити гуногуншаклии моликият, ки сохторҳо ва институтҳои соҳавии давлатӣ иқтидории истифодаи самаранок ва ҷалбӣ маблағҳои давлатӣ ва хусусӣ , инчунин лоиҳаҳои рушди деҳот аз ҷумла инфрасохтори иҷтимоии он дар хама шаклҳои моликият бо сифати баланд ва устуворӣ амалӣ гарданд, тавсия шудааст **(саҳ. 127-147).**

**Хулоса ва тавсияҳо.** Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот ҷамъбаст гардида, тавсияҳои илмӣ ва амалӣ оид ба рушди устувори инфрасохтори иҷтимоии деҳот пешниҳод шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки татбиқи пешниҳодҳои пешниҳодшуда метавонад ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо мусоидат намояд **(саҳ. 148–153).**

**6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия**

Натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқоти илмӣ дар мавзӯи «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ буда, барои таҳкими заминаҳои илмии

рушди инфрасохтор, коркарди механизмҳои идоракунии самаранок, баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо ва сифати хизматрасонии иҷтимоӣ мусоидат менамоянд.

Рисолаи мазкур натиҷаи таҳқиқоти чандинсолаи муаллифро оид ба ҷанбаҳои гуногуни рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот дар бар мегирад. Муқаррароти асосии диссертатсия метавонанд дар фаъолияти амалии мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои маҳаллӣ, аз ҷумла мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва вазорату идораҳои соҳавӣ ҳангоми таҳия ва татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва такмили сиёсати молиявию буҷетӣ истифода шаванд.

Ҳамзамон, ҷанбаҳои асосии диссертатсия метавонанд дар раванди таълим барои таҳияи барномаҳои корӣ ва фанҳои таълимӣ, дар таҳияи барномаҳои дурнамосозии рушди иқтисодӣ, инчунин ҳамчун заминаи методологӣ ҳангоми омодасозии барномаҳои таълимӣ барои фанҳои «Иқтисоди минтақа», «Молияи маҳаллӣ» ва дар муассисаҳои таҳсилоти олии иқтисодӣ истифода гарданд.

**7. Эродҳо доир ба диссертатсия**

Новобаста аз он ки диссертатсияи мазкур дорои як қатор бартариҳои илмӣ-амалӣ мебошад, дар раванди омӯзиши матн баъзе нуқсонҳои методологӣ, сохторӣ ва далелнокӣ низ мушоҳида гардиданд. Эродҳо ва баъзе пешниҳодот доир ба шаклгирӣ ва мазмуни диссертатсия чунинанд:

1. Таҳлили назариявӣ ва методологӣ нишон дод, ки мавзӯъ хеле васеъ таҳқиқ шуда, чанд самти мустақил - ташкили ҷойҳои корӣ, рушди хизматрасонӣ ва густариши фаъолиятҳои иҷтимоӣ, молиявӣ ва зеҳниро дар бар мегиранд, аммо мутаасифона самти зеҳнӣ нокифоя таҳлил ва арзёбӣ гаштааст. Беҳтар мебуд, агар бо истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ онҳо асоснок мегаштанд, ки ин ба беҳтар намудани некуаҳволии аҳолии деҳот замина мегузорад (саҳ. 51).
2. Ҷузъи асоии сохтории инфрасохтори иҷтимоии деҳот (расм1.2.) бештар схемавӣ буда, унсурҳои масъулият, ҷараёни иттилоот ва “бозгашт” кофӣ инъикос наёфтаанд. Дар Расми 1.2 ҷузъҳои асосии инфрасохтори иҷтимоии деҳот, нишон медиҳад, сохтори визуалӣ оддӣ буда, равобити байни чузъҳо ба таври равшан нишон дода нашудааст; ҷузъҳо бе шарҳ ва мисолҳои конкретӣ оварда шудаанд, ки фаҳмиши амиқи таъсир ва аҳамияти онҳо ба сармоягузорӣ ва рушди деҳотро душвор мекунад. Хуб мешуд, ки истифодаи диаграммаи қабатӣ барои ҷудо кардани ҷузъҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, иловаи мисол ва нишондиҳандаҳои иқтисодӣ барои ҳар чузъ ва ҳамчунин ворид кардани ҷузъҳои наве мисли технологияи иттилоотӣ ва рақамигардонӣ, ки имрӯз барои рушди инфрасохтори деҳот муҳиманд илова шаванд. (саҳ.23).

3. Дар баррасии зербоби 3.1. муаллиф самтҳои мухталифу чолиби танзими давлатиро мавриди омӯзиш қарор додааст, беҳтар мебуд агар саҳми онҳоро бо мисолҳои мушахасу таҳлилҳои амиқ пешниҳод менамуд.
4. Услуби муайянкунии самаранокии инфрасохтори иҷтимоии деҳот, ки дар зербоби 3.2.1 таҳия ва пешниҳод карда шудааст, боз мукамали ва таҳқиқро талаб менамояд.
5. Хуб мебуд, агар дар диссертатсия бахри рақамикунонии инфрасохтори иҷтимоии деҳот таҳлилу тавсияҳо оварда мешуд, сифати кор бозҳам баландтар мегашт.

Эродҳо ва мулоҳизаҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ доранд ва арзиши илмӣ-амалии диссертатсияро паст намекунанд.

**8.Тасдиқи ифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ**

Дар асоси таҳқиқ ва натиҷаҳои илмиву амалии кори диссертатсионӣ, дар маҷмуъ 13 интишороти докторант, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 11 адади он дар дигар нашрияҳои илмӣ бо забонҳои гуногун дар хаҷми 8,4 ҷ.ч. вобаста ба мавзуи таҳқиқот ба чоп расонида шудааст. Натиҷаҳои тадқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳои илмӣ баён шудаанд. Дар интишороти муаллиф, ҳамаи мақолаҳои илмӣ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи пешниҳодгардидаро инъикос менамояд, яъне пурра мутобиқат дорад.

**9. Мутобиқати автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсия**

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии аз рӯйи ихтисоси рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ, таҳия гардида, мазмуни асосии таҳқиқотро инъикос мекунад ва дар он натиҷаҳои илмии асоснокгардида шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**10. Хулосаи ҷамъбастӣ**

Диссертатсия дорои аҳаммияти баланди назариявию амалӣ ва навгониҳои илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардида, масъалаи муҳимми илмӣ ҳалли худро ёфтааст.

Диссертатсияи Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло дар мавзӯи: «Рушди инфрасохтори иҷтимоии деҳот ва самаранокии он (дар мисоли ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ, таҳқиқот бурдааст, ки он ба Шиносномаи номгӯйи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ, таҳқиқоти илмӣ-тахассусии баитмомрасида буда ба талаботи бандҳои 14 ва 15 низомномаи "Тартиб додани дараҷаҳои

илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.06.2023, № 295) тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он Исматуллозода Соҳибҷон Исматулло сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050605 – Иқтисодиёти соҳаи кишоварзӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ**: н.и.и., дотсенти кафедраи
идораи давлатӣ ва иқтисоди милии
Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Асоев М.М.**

**Имзои н.и.и., дотсент Асоев М.М. - ро тасдиқ менамоям**:

Сардори шуъбаи кадрҳо,коргузорӣ
ва корҳои махсуси АИДНПҶТ **Насруддинзода А.Н.**
19.03.2026

Суроғаи Академия: Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33, Саҳифаи интернетӣ: www. apa.tj, Email:mufarrah@mail.ru Телефон: (+992 (37) 224-17-86; +992 905 507069)